**аз 25.12.2018, №503**

Дар бораи тасдиқ намудани «Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)» барои солҳои 2019-2020»

Бо мақсади таъмини иҷрои сифатноки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)»

Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Нақшаи чорабиниҳои дохилидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)» барои солҳои 2019-2020 тасдиқ карда шавад.

2. Сардорони раёсатҳо ва шуъбаҳои дастгохи марказии Кумитаи андоз ва мақомотҳои ҳудудии андозро зарур аст, ки иҷрои Нақшаи чорабиниҳои мазкурро дар мухлатҳои муқарраргардида таъмин намуда, на дертар аз ҳафтаи дуюми моҳи декабри соли ҳисоботӣ аз натиҷаи корҳои анҷомдода ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, ки минбаъд ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот манзур менамояд, маълумот пешниҳод намоянд.

3. Гурӯҳи кории дохилиидоравии Кумитаи андоз минбаъд низ фаъолияти худро дар ин самт идома дода, барои аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ дар соҳа ва муқовимат намудан ба ин падидаи номатлуб чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худам мегузорам.

Раис Н. Давлатзода

Бо фармоиши
Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «25» декабри соли 2018, №503
тасдиқ шудааст

# Н А Қ Ш А И

**мукаммал барои солҳои 2019-2020, ҷиҳати пешгирӣ, бартараф ва коҳиш додани хавфҳои коррупсионие, ки дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни гузаронидани таҳили хавфҳои коррупсионӣ аз ҷониби гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ ошкор карда шудаанд**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мухлати иҷро | Иҷрокунанда | Масъул барои назорати иҷро |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гузаронидани таҳлили фаъолият оид ба хавфҳои коррупсионӣ дар дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз, пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани хавфҳои коррупсионӣ дар доираи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 қабул карда шудааст. | Солҳои 2019-2020 | Гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумита | Роҳбари гурӯҳ |
| 2 | Таiияи тавсияномаiо оид ба истисно намудан ё паст намудани натиїаiои таъсироти хавфiои коррупсионњ (таiияи наsшаiои мукаммал) | Соли 2019 | Гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ, раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумита | Роҳбари гурӯҳ |
| 3 | Муайян намудани омилҳои | Мунтазам | Раёсати такмили | Роҳбари гурӯҳ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | бавуҷудоварандаи коррупсионӣ дар мавриди таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқи муқаррароти “Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ карда шудааст. | | қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ ва дигар раёсатҳои дастгоҳи марказӣ | |
| 4 | Бо мақсади аз байн бурдани такрормеъёрҳо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намуда ба вазорату идораҳои давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шавад, аз ҷумла:<br>ба сархати якуми қисми 1 моддаи 78, қисми 3 моддаи 110, қисми 1 моддаи 126, қисми 8 моддаи 156, қисми 5 моддаи 184, қисми 2 моддаи 235 ва қисми 2 моддаи 294 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. | Соли 2019 | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ ва дигар раёсатҳои дастгоҳи марказӣ | Роҳбари гурӯҳ |
| 5 | Дар якҷоягӣ бо кормандони масъули Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва баргузор намудани омӯзишӣ Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва дигар | Мунтазам | Гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумита | Роҳбари гурӯҳ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар дастгоҳи марказии Кумита и андоз ва мақомоти ҳудудии андоз | | | |
| 6 | Тавассути Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз ташкил ва баргузор намудани омӯзиши Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва дигар қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар мақомоти ҳудудии андоз | Мунтазам | Маркази такмили ихтисос, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва мақомоти ҳудудии андоз | Роҳбари гурӯҳ |
| 7 | Бо мақсади таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳои коррупсионӣ ва ҷамъоварии маълумот оид ба хавфҳои воқеӣ ва эҳтимолии коррупсия пурсиши афкори андозсупорандагонро таввасути Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт-сентр) бо истифодаи рақами содакардашудаи телефонии “151, 152”, рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда шавад. | Мунтазам | Раёсати хизматрасонӣ ба адозсупорандагон, КВД «Боҷу хироҷ», раёсатҳо ва шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз | Роҳбари гурӯҳ |
| 8 | Тавассути рӯзномаи «Боҷу хироҷ» мунтазам ба нашр расонидани мақолаҳо дар бораи омилҳои институтсионалӣ, ки ба коррупсия мусоидат менамоянд ё метавонанд мусоидат кунанд, намудҳои осебпазири фаъолияти мақомоти андоз ва дигар қонунгузории соҳаи зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла таҷрибаи дигар давлатҳо оид ба муайян намудани омилҳои ба коррупсия мусоидат кунанда ва мубориза бо коррупсия. | Мунтазам | КВД «Боҷу хироҷ», раёсатҳо ва шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз | Роҳбари гурӯҳ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | Омузиши таҷрибаи муваффақи давлатҳои пешқадам оид ба таҳлили фаъолияти мақомоти андоз вобаста ба хавфҳои коррупсионӣ, пешгирии коррупсия, танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва низоми пешгирии бархурди манфиатҳо | Солҳои 2019-2020 | Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, дигар раёсатҳои дастгоҳи марказӣ | Роҳбари гурӯҳ |
| 10 | Бо мақсади ривоҷ додани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба таҳлили фаъолият оид ба хавфҳои коррупсионӣ, ҳисоботҳои ҳарсолаи Гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ ва Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар сомонаи электронии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) ҷойгир карда шавад. | Солҳои 2019-2020 | Раёсати хизматрасонӣ ба адозсупорандагон, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», раёсатҳо ва шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз | Роҳбари гурӯҳ |

Эзоҳ: Нақшаи мукаммал дар ҷаласаи гурӯҳи кории Кумитаи андоз оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ муҳокима карда шуда, бо намояндагони мақомоти ҳудудии андоз мувофиқа гардид.